# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов Аъзам Овлододович ба диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2024.**

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ шахсияте аст, ки аз овони кӯдакӣ дар як хонаводаи машҳур тарбият ва ба воя расида, аз синни кӯдакӣ дорои истеъдоди олӣ ва ҳушу заковати шигарфе буд. Шароити зиндагӣ дар табъид, кӯчиданҳои нохоставу иҷборӣ ва ҳама душвориҳову сахтиҳо ҳарчанд фикру хотири Сайид Нодиршоҳи Каёниро дарҳам кӯбида буд, аммо бо ин ҳол руҳи ҳассос ва ҷустуҷӯгари ӯ ҳеч гоҳе қудрати парвозро аз даст надод, парвозе, ки машқи онро дақиқан аз синни 11-солагӣ бо сурудани шеър оғоз карда буд.

Ӯ дар ибтидо ба сурудани таронаҳо, дубайтиҳо ва рубоиҳои сода рӯй овард ва пас аз инкишоф ва тақвияти қудрати зеҳнӣ ва вусъати доманаҳои омӯзиш ва донишаш ба сароиши намунаҳои гуногуни шеърӣ, ба вежа ғазал ва дигар анвоҳои шеърӣ пардохтааст. Офаридаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба давраи раҳбари иҷтимоии ӯ ва табъид дар Кобул марбут мешавад, ки ба рағми ҳамаи душвориву сахтгӣ, қайду бастҳо ва мушкилоти сиёсӣ аз ҷониби ҳукумати вақт бо андешаи баланд ва қудрати халлоқаи худододаш, тавонист андӯхтаҳои илмӣ, адабӣ ва ҳама офаридаҳои зеҳнияшро дар қолабҳои назму наср ба тасвир бикашад.

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» аз муқаддимаву се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст, ки дар муқаддима масъалаҳои мубрами мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, метод ва методология, сарчашмаҳо, объект, предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда бо як тартиб ва низоми муайяни талаботи диссертатсияҳои илмӣ нигошта шудаанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он нуктаҳо ифода мегардад, ки масъалаҳои рӯзгору осор, ҳунари шоирӣ, маъниофаринӣ ва тасвирсозии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бори аввал ба таҳқиқи илмӣ кашида шудааст. Аҳамияти мавзуъро инчунин таҳқиқи масъалаҳои муҳтавои ашъори шоир, истифодаи унсурҳои шоирона, афкори адабӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри ӯ, баррасии оҳангҳои иҷтимоӣ ва табиат бозгӯӣ мекунад, ки таҳқиқи ҷиддии ин масъалаҳо ба таври таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ омӯхта нашудаанд ва аз аҳаммияти хуби илмӣ бархурдоранд.

Боби аввали диссертатсия «Рӯзгор ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» унвон дорад ва дар он ба масъалаҳои рӯзгору таҳлили осор, бахусус осори манзум ва мансури шоир назари тоза андӯхта шудааст. Боби дувум «Сохт ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» ном дошта, масъалаҳои сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ, сохт ва таркиби ғазалиёти Каёнӣ ва мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Каёнӣ таҳқиқ шудааст. Боби сеюм «Хусусиёти услубӣ ва бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» унвонгузорӣ шуда, дар ин ҷо масъалаҳои истифодаи забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф ва хусусиёти бадеии ашъори шоир таҳлил гардидааст. Дар қисмати хулоса натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ дар бандҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Аз таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ ба хубӣ ба назар мерасад, ки Рустоӣ Мирзо Муҳаммад мавзуъро хуб медонад, ба таҳқиқи масъалаҳо хуб ворид шудааст, муҳокимарониҳо, таҳлилҳо, баҳсҳои илмӣ ва таҳлили мисолҳо хубанд ва ӯ ҳамчун муҳаққиқи мавзуъ дар роҳи ба даст овардани мақсаду вазифаҳои тақҳиқ муваффақ гардидааст. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷу аз таҳқиқи мавзуъ далолат бар он нукта мекунанд, ки Рустоӣ Мирзо Муҳаммад мавзуъро хуб омӯхтааст, ба таҳқиқ хуб ворид шудааст ва ҳамчун муҳаққиқ ба камол расидааст. Таҳқиқоти

анҷомдодаи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар омӯзиши ин мавзуъ саҳифаи тоза аст, ки онро муҳаққиқони дигар дар мавриди пажуҳиши масъалаҳои равобити адабии адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ истифода мебаранд.

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар маҷмуъ, дар асоси таҳқиқи масъалаҳои гуногун, ки дар кор баррасӣ шудаанд, таҳқиқоти ҷомеъ ва фарогир мебошад. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан ҷавобгӯст ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Худойдодов**
**Аъзам Овлододович**

Тел: 988253300
E mail: khudoidodov1959@mail.ru

**Имзои профессор А.О. Худойдодовро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода Абдуқарим**

30.03.2024